**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

Ректори Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав», д.и.и., профессор
Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат
_______________________
«_7_» ___05___ соли 2026

# ХУЛОСАИ
## Муассисаи давлатии таълимии
## «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

Диссертатсияи Бустонзода Тахмина Бӯстон дар мавзуи **“Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ бар мабнои “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзо”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон дар кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба анҷом расидааст.

Бустонзода Тахмина соли 2007 факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа (айни ҳол Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав)-ро аз рӯйи ихтисоси “Забон ва адабиёти тоҷик” хатм кардааст.

Номбурда тибқи фармоиши Ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои идома додани корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 26.11.2024, №4 қабул шудааст ва онро дар таърихи 20.03.2026, №505-05 хатм кардааст.

Айни замон, ба ҳайси муаллими калони кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода фаъолият намуда истодааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 26.11.2024 бо қарори №4 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмии Бустонзода Тахмина Бӯстон доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Гулназарзода Жило Бӯрӣ мебошад.

Унвонҷӯ Бустонзода Тахмина имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои "Забони хориҷӣ (англисӣ)" бо баҳои "аъло" (16-уми декабри соли 2024), "Таърих ва фалсафаи илм" бо баҳои "хуб" (4-уми июни соли 2025) ва аз рӯйи ихтисос – "Назарияи забон"-ро бо баҳои "аъло" (30-юми марти соли 2026) супоридааст ва Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба ӯ 16-уми апрели соли 2026, таҳти 3/284 маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст. Унвонҷӯ диссертатсияи илмии худро дар мавзуи **"Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ бар мабнои "Дар орзуи падар"-и Кароматулло Мирзо"** барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон омода намудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 06-уми майи соли 2026, №10 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи **"Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ бар мабнои "Дар орзуи падар"-и Кароматулло Мирзо"** чунин хулоса қабул карда шуд:

Мавзуи диссертатсияи Бустонзода Тахмина дар забоншиносии тоҷик мавзуи нав буда, масъалаи маъношиносӣ, заминаҳои ташаккулу рушди маъно ва маъношиносӣ, шарҳи маънои коннотативӣ, ҷойгоҳи маънои коннотативӣ дар маъношиносии корбурдӣ, таъсирпазирии

маъноҳои корбурдӣ-прагматикӣ, ифодаи маънои коннотативӣ дар фоносемантика, морфосемантика, ҷумла ва матн, категорияҳои луғавӣ ва қабатҳои маъноӣ, ки аз ҷумлаи масъалаҳои меҳварии илми забоншиносӣ, хоссатан, бахши маъношиносии он ба ҳисоб меравад, дар бар мегирад ва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисос ва ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон мутобиқат менамояд.

Таҳқиқи диссертатсионӣ ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503) ва Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.11.2020, №647) иртибот дорад.

Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат менамоянд.

Мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияи Бустонзода Тахмина дар иҷроаи маърузаву гузоришҳо дар конференсия ва семинарҳои ҳамасолаи илмиву назариявии ҳайати профессорон ва устодони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Нуктаҳои асосии таҳқиқ дар шакли мақолаҳои илмӣ пешниҳод шуда, натиҷагириву хулосабарориҳои таҳқиқ дараҷаи эътимоднокии мавзуъро собит менамоянд.

Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки дараҷаи омӯзиши маънои коннотативии низоми маъношиносии асари “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзоро муайян намуда, роҳҳои таҳқиқи таъсирпазирии маъноҳои корбурдӣ-прагматикиро мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор додааст. Ҳамчунин,

унвонҷӯ бо такя ба маводди фаровони забоншиносон вижагиҳои маънонии асари нависандаро муайян кардааст.

Диссертатсияи Бустонзода Тахмина дар мавзуи "Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ бар мабнои "Дар орзуи падар"-и Кароматулло Мирзо" бо ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Бустонзода Тахмина дар 8 мақолаи муаллиф, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар маҷмуаи маърузаю гузоришҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр шудаанд, инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**А). Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. **Бустонзода, Т.Б.** Ҷойгоҳи маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ / Т.Б. Бӯстонзода // Фурӯғи илм. – Душанбе, 2025. – С. 369-374.

[2-М]. **Бустонзода, Т.Б.** Баъзе мухтассоти калима ва истилоҳоти ифодагари хешутаборӣ дар романи "Дар орзуи падар"-и Кароматуллоҳи Мирзо / Т.Б. Бӯстонзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2025. – № 1/2 (134). – С. 130-134.

**[3-М]. Бустонзода, Т.Б.** Баъзе вижагиҳои истилоҳоти марбут ба мафҳумҳои "хона" ва "дар" дар романи "Дар орзуи падар"-и Кароматуллоҳи Мирзо / Т.Б. Бӯстонзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2025. – №1/3 (137). – С. 215-218.

**[4-М].** Гулназарзода, Ж.Б., **Бустонзода, Т.Б.** Вижагиҳои маънои прагматикӣ / Ж.Б. Гулназарзода, **Т.Б Бӯстонзода** // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих. – Душанбе, 2025. – № 4 (60). – С. 44-53.

**[5-М]. Бустонзода, Т.Б.** Таносуби хелҳои маънои луғавӣ бо вожа дар матни бадеӣ ва гуфтор / Т.Б Бӯстонзода // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих. – Душанбе, 2025. – №4 (60). – С. 12-17.

**Б). Мақолаҳои муаллиф дар дигар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

**[6-М]. Ҷураева, Т.Б.** Маънои коннотативӣ ва матн (дар мисоли асари "Дар орзуи падар"-и Кароматулло Мирзо) / Т.Б. Ҷураева // Маводди конфренсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами омӯзиши забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ, чинӣ) дар замони муосир". – Душанбе, 2024. – С. 97-100.

**[7-М]. Бустонзода, Т.Б.** Вижагии маънои луғавӣ дар маъношиносӣ / Т.Б. Бӯстонзода // Маводди конфренсияи илмӣ-амалии байналмилалии дар мавзуи "Ҷойгоҳи забони тоҷикӣ дар ҳифзу густариши арзишҳои минтақаи Осиё". – Душанбе, 2024. – С. 148-153.

**[8-М]. Бустонзода, Т.Б.** Баъзе вижагиҳои калима ва истилоҳоти ифодагари тӯю маросими хонадоршавӣ дар романи "Дар орзуи падар"-и Кароматуллоҳи Мирзо / Т.Б. Бӯстонзода // Маводди конфренсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами филология: ҳадаф ва дурнамо". – Хуҷанд, 2024. – С. 269-272.

**Ҷаласа қарор қабул кард:**

1. Диссертатсияи Бустонзода Тахмина дар мавзуи “Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ бар мабнои “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзо” барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон кори анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Бустонзода Тахмина дар мавзуи “Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ бар мабнои “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзо” барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав санаи 06-уми майи соли 2026, протоколи №10 қабул гардид.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 15 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 15 нафар, “зид” – нест, “бетараф” – нест.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлати Бохтар ба номи Носири Хусрав»: Назаров М.Н.

Котиби ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ,
омӯзгори кафедраи забони тоҷикӣ: Раҳмонов М.Б.

Имзоҳои М. Назаров ва М. Раҳмоновро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав: Исҳоқзода М.М.

«6» майи соли 2026

Нишонӣ: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53; E-mail: bqu-1978@mail.r